*Ба Шурои диссертатсионии* 6D.КОА-062 назди
Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон
*(734025, ш. Душанбе,* кучаи Мирзо Турсунзода 30*)*
*E-mail:* rajabova@rambler.ru

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Бобомуродов Парвиз Уктамович ба диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи "Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯроквορӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи "Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯроквορӣ)" ба сархатҳои 1.1. Рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмилдиҳии шаклҳо ва усулҳои таҳқиқи равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ дар низомҳои иқтисодӣ; 1.2. Коркарди методология, усулҳои баҳодиҳӣ, таҳлил, қолабсозӣ ва дурнамои равандҳои инноватсионӣ дар низоми иқтисодӣ; 1.3. Ташаккули муҳити инноватсионӣ ҳамчун шарти муҳимтарини амалӣ намудани инноватсияҳои самаранок. Муайян кардани муносибатҳо, шакл ва тарзҳои муҳайё намудани шароити муносиб барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ. Роҳҳои беҳгардонии иқлими инноватсионӣ; 1.4. Таҳқиқи равандҳои ҳамгироӣ дар муҳити инноватсионӣ. Консепсияҳои навсозӣ ва шаклҳои татбиқи амалии онҳо; 1.5. Хусусиятҳои таъсисдиҳӣ ва таҳқиқи низомҳои миллии инноватсионӣ: принсипҳои сохт ва рушдёбӣ, сохтор ва функсияҳо, баҳодиҳии самаранокӣ; 1.6. Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илми мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди усулҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ; 1.13. Коркард ва такмилдиҳии шаклҳо, сохтор ва низомҳои институтсионалии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Арзёбии самаранокии фаъолияти инноватсионии шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии

инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мутобиқ мебошад.

### Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Яке аз мушкилотҳои муҳимтарини марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти озуқаворӣ ва бо маҳсулоти озуқаворӣ таъмин намудани аҳолӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки Ҳукумати мамлакат ин масъаларо яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар қарор додааст. Зарурати объективии таъмини бозори озуқаи мамлакат бо маҳсулотҳои истеҳсоли ватанӣ, фаъолияти самараноки корхонаҳои саноати хӯрокворӣро дар назар дорад, зеро дар ниҳояти кор, на танҳо сатҳи зиндагии аҳолӣ, балки рушди куллии иқтисодиёти миллӣ аз ҳаҷми истеҳсолот вобаста аст. Аз ин рӯ, барои ноил гаштан ба ин ҳадафҳо зарурати ҷорӣ намудани инноватсия ва идоракунии равандҳои он дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ пеш меояд.

Дар шароити муосир равшан аст, ки дар таркиб ва сохтори манбаъҳо ва захираҳое, ки рушди иқтисодиро муайян мекунанд, бояд дигаргунӣ ба амал ояд. Ин ҷо сухан, пеш аз ҳама, дар бораи самти инноватсионии рушди иқтисодӣ меравад, зеро ба таври назаррас маҳдуд шудани имкониятҳои захираҳои анъанавӣ гузариши соҳаро ба роҳи инноватсионии рушд зарур мегардонад. Чунки дигаргунсозии иқтисодиёт бидуни гузариш ба модели инноватсионии рушд ғайриимкон буда, ҳамзамон барои ноил гаштан ба ҳадафҳои стратегии кишвар гузариш ба рушди устувори инноватсионии саноатиро ҳадафи асосӣ қарор додан зарур аст.

Дар вазъияти норасоии захираҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки барои рушди устувории худ ва аз дигар тараф, гирифтани даромади зиёд ҷорӣ намудани инноватсия ба истеҳсолот ва равиши дурусти идоракунии инноватсиониро интихоб намоянд. Аз ин рӯ, ҷорӣ намудани инноватсия дар шароити муносибатҳои зудрушдёбандаи иқтисоди бозорӣ барои таъмини рушди устувори инноватсионии иқтисоди миллии кишвар басо муҳим арзёбӣ мегардад. Ба андешаи мо, бинобар аҳаммияти муҳимми иқтисодӣ доштани идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, масъалаҳои асосии танзим ва рушди он дар маркази диққати унвонҷӯ қарор гирифтааст.

Идоракунии рушди устувори инноватсия дар муҳити иқтисодии ҳар як кишвар таҳия ва татбиқи стратегия, қабули қарорҳоро аз роҳбарияти корхонаҳи саноатӣ тақозо мекунад. Дар натиҷаи рушди устувори инноватсионӣ, идоракунии самараноки фаъолияти инноватсионӣ ва паст кардани хавфҳои инноватсионӣ рушди устувори иқтисодӣ ва идоракунии инноватися таъмин мегардад, ки идоракунии рушди устувори инноватсионӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ба таври мунтазам ва мувофиқи мақсад амалӣ карда мешавад.

Бо ҳамин сабаб муҳим аст, ки масъалаи марбут ба идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯроквории боз ҳам дақиқтар омӯхта шаванд. Ин масъала аҳаммияти калони назариявӣ ва амалӣ дошта, дар назди илми иқтисодиёт ва рушди он вазифаҳои нав мегузорад ва бахри рушди устувори инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми зиёд мегузорад, ки муҳимияти мавзӯи таҳқиқот ва зарурияти онро ифода менамоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳо пешниҳод гардидаанд, эътимоднок мебошанд, ки ин бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот доир ба мавзуи таҳқиқот дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва гузоришҳо дар конференсияҳои илмӣ тасдиқ мегардад. Тавсияҳои амалии идоракунии рушди устувори инноватсия ва такмили усулҳои идоракунӣ дар корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ, инчунин самаранокии идоракунии инноватсияҳо ва механизми таъсиррасон ба идоракунии рушди устувори инноватсионии онҳо асоснок карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар асоснокунии ҷиҳатҳои методӣ ва назариявии инноватсия, идоракунии рушди устувори инноватсия, таҳияи тавсияҳо оид ба такмили усулҳои идоракунии онҳо зоҳир гардида, имкон медиҳад, ки самаранокии идоракунии инноватсияҳо ва механизми таъсиррасон ба идоракунии рушди устувори инноватсионӣ ҳангоми нигоҳ доштани сатҳи кофии идоракунӣ ва кам кардани хавфҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ таъмин карда шавад. Натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқот, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, чунин нуктаҳоро дар бар мегиранд:

1. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии идоракунии рушди устувори инноватсионӣ асоснок карда шуда, дар асоси банизомдарории афкори илмӣ рушди устувори инноватсионии саноат муайян карда шудааст;

2. Меъёрҳои идоракунии инноватсионӣ ва имкониятҳои мавҷудаи гузариш ба рушди устувори инноватсионии иқтисоди мамлакат, аз ҷумла соҳаи саноат, муқарар карда шудааст;

3. Вобаста ба ҳолати муосир ва динамикаи рушди соҳаи саноати хӯрокворӣ таҳлили оморӣ гузаронида шуда, барои идоракунии рушди устувори инноватсионӣ-истеҳсолии соҳа хулоса ва пешниҳод манзур карда шудааст;

4. Бо назардошти прогресси илмӣ-техникӣ роҳҳои нави рушди фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, такмили низоми идоракунии инноватсионӣ, инчунин беҳтарсозии механизми идоракунӣ ва рушди устувори инноватсионии онҳо муайян карда шудааст;

5. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, модели идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бо мақсади рафъи мушкилиҳо, ба даст овардани комёбиҳои инноватсионӣ ва дар асоси он таъмин намудани фаъолияти самараноки соҳаи саноати хӯрокворӣ таҳия карда шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Диссертатсия бо забони илмӣ навишта шуда, пайдарпайии пешниҳоди мавод, мустақилияти муаллиф дар тавзеҳоти ҷанбаҳои назариявию методологии идоракунии рушди устувори инноватсионии соҳаи саноат, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ эҳсос карда мешавад, инчунин диссертатсия дар заминаи эътимоднок таҳия шудааст. Дар диссертатсия усулҳои муосири методологӣ ва методӣ истифода шудаанд, ки ба мақсади гузошташуда мувофиқат мекунад.

Навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои дар диссертатсия бадаст омада бо матни диссертатсия ҳамрадиф буда, аз вазифаҳои гузошташуда сарчашма мегирад. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок буда, моҳияти диссертатсияро фаро мегирад. Аз тарафи диссертант тавсияҳои консептуалӣ ва методологӣ оид ба идоракунии рушди устувори инноватсионии соҳаи саноати хӯрокворӣ коркард карда шудаанд.

Муаллиф дар натиҷаи омӯзиши адабиёт ва сарчашмаҳои соҳавӣ асосҳои илмии идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, роҳҳои такмили механизмҳои асосии идоракунии онҳоро дар сатҳи назариявӣ ва методӣ муайян намуда, татбиқи таҷрибаи пешқадами хориҷиро дар идоракунии инноватсияҳо дар муҳити корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхтааст. Инчунин дар натиҷаи таҳлили маълумотҳо метавон гуфт, ки низоми идоракунии инноватсиоонии корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ сарфи назар аз мушкилот ва проблемаҳои мавҷуда таъсири низоми идоракунии инноватсионӣ дар шароити муосир ба нишондиҳандаҳои муҳимми макроиқтисодӣ муайян карда шудааст.

**Тавсифи умумии таҳқиқот**

Унвонҷӯ дар боби аввали диссертатсия, ки “**Асосҳои назариявӣ ва методологии рушди устувори инноватсионии саноат**” ном дорад, асосҳои назариявии инноватсия, методологияи рушди устувори инноватисонӣ, мактабҳои афкори иқтисодии инноватсионии миллӣ ва равандҳои саноатикунонии босуръату сатҳи рушди устувори инноватсионии саноат, инчунин, заминаҳои институтсионалии ташаккули инноватсионӣ дар замони муосирро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки рушди бомуваффақияти иқтисодиёти ҳар як мамлакат аз низоми идоракунии инноватсионӣ, рақобатпазирии маҳсулот, баланд бардоштани маърифати техникӣ-молиявӣ ва қобилияти идоракунии рушди устувори инноватсонии корхонаҳои саноатӣ вобастагии зиёд дошта, тақозо мекунад, ки идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ кофӣ бошад ва рақобатпазирии солимро дар бозори дохилию берунӣ таъмин намояд (саҳ. 15-43).

Дар диссертатсия бахшҳои назариявии масъалаҳои идоракунии инноватсия, методология ва принсипҳои идоракунии рушди устувор таҳлил гардида, аз тарафи муаллиф исбот карда шудааст, ки рушди бомуваффақияти иқтисодиёти ҳар як кишвар ва суръати баланди рушд тақозо мекунад, ки идоракунии рушди устувори инноватсионӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ кофӣ бошад ва рақобатпазириро дар бозори истеҳсолӣ таъмин намояд. Корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар ҷараёни фаъолият метавонанд ба нокифоягии идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, принсипҳоб методологияи идоракунии он дучор оянд ва аз ин рӯ, онҳоро зарур аст, ки барои устувории худ бояд муносибати дурусти идоракунии рушди устувори инноватсиониро интихоб намоянд (саҳ. 23-24).

Яке аз натиҷаҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия саҳми муаллиф дар таҳқиқи назариявӣ мафҳуми инноватсия, рушди устувор, идоракунии инноватсия ва ба мактабҳо ҷудо намудани афкори инноватсионии иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина муаллиф қайд мекунад, ки инноватсия ҳамчун фишанги истеҳсолӣ ва фаъолнамоии ҷараёни истеҳсолот бо роҳи ҷорӣ намудани техника ва технологияҳо мебошад, ки корхонаҳо дар ихтиёри худ доранд, ки барои ба роҳ мондани фаъолияти худ ва пешбурди он истифода бурда мешавад. Ҳамчунин дар диссертатсия исбот шудааст, ки таъсиси корхонаҳои нав, ворид намудан ва истифодаи техника ва технологияҳои муосир, баланд бардоштани маърифати техникӣ ва молиявӣ, ҳамзамон, қобилияти идоракунии рушди устувори инноватсионӣ ва ғайра ҳадафҳои асосии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии мамлакат ба ҳисоб меравад (саҳ.26).

Дар диссертатсия натиҷаи дигари назаррас дар он аст, ки унвонҷӯ доир ба масъалаҳои идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, алалхусус саноати хӯрокворӣ фикру ақидаҳои лозимаро пешниҳод намуда, идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатиро ба рушди сармояи инсонӣ, баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳо, махсусан, маориф, илму инноватсия ва соҳибкорию давлат вобаста медонад.

Аз тарафи муаллиф дар диссертатсия муҳим дониста мешавад, ки инноватсияи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ аз потенсиали заминаҳо ва

платформаҳои гуногуни онлайнӣ, инчунин механизми пешниҳодҳои молҳои босифат, бизнесинкубаторҳою дигар навгониҳо бояд иборат бошад (саҳ.32).

Натиҷаи дигари имлии диссертатсия дар он ифода ёфтааст, ки муаллиф дар асоси таҳлилҳои аҷомдодашуда қайд мекунад, ки равишҳои гуногуни методологии идоракунии рушди инноватсионие, ки дар ҷадвали 1.2-и диссертатсия инъикос ёфтааст, барои пешбурд ва ноил гаштан ба рушди устувори инноватисонӣ дар шароити муосир тавсия дода мешавад (саҳ.33).

Дар асоси таҳқиқотҳои муаллиф фаҳмида мешавад, ки унсурҳои асосии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ аз рӯйи давраҳо марҳила ба марҳила ба роҳ монда шуда, корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар асоси он ба рушди устувори инноватсионӣ ноил мегардад. Ҳамзамон, қайд мешвад, ки фаъолгардонии рушди фаъолияти инноватсионӣ аз афзоиши талабот, сифат ва нақши инноватися, афзоиши истеҳсолот, меҳнат ва истифодаи самраноки захираҳо ва вақт вобаста буда, он ба рушди фаъолияти инноватсионӣ оварда мерасонад (расми 1.2. саҳ.28)

Ҳамчунин, муаллиф дар диссертатсия низоми идоракунии инноватсионии миллиро дар замони муосир, ки бахши саноатро самаранок мегардонад ба чор ниҳоди асосӣ ҷудо намудааст, ки инҳо ҳукумат, ҷамъият, МТОК ва соҳибкорӣ мебошанд, ки ҳар яки онҳоро дар диссертатсия ба пуррагӣ шарҳу тавзеҳ додааст (саҳ.49-50).

Дар боби дуюм **“Таҳлили вазъи муосир ва арзёбии рушди инноватсионии саноати хӯрокворecho Ҷумҳурии Тоҷикистон”** бошад, масъалаҳои таҳлили вазъи муосир ва динамикаи рушди нишондиҳандаҳои асосии саноати хӯрокворӣ, таҳқиқи омилҳои механизмҳои таъсиррасон ба идоракунии рушди устувори инноватисонӣ ва арзёбии идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мавриди таҳлил қарор гирифтанд.

Як нуқта боиси дастгирии унвонҷӯ буда, қайд менамояд, ки пешавриҳои саноати хӯрокворӣ аз рушди корхонаҳои саноати коркард вобаста мебошад, ки онҳо бояд ҳамеша ба истеҳсоли маҳсулоти нав машғул бошанд. Бояд гуфт, ки фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бидуни идоракунии захираҳои истеҳсолӣ ва таъмини рушди устувори инноватсионӣ ғайриимкон мебошад. Ҳамин тавр, корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бо роҳи самаранок истифода бурдани захираҳои истеҳсолӣ, ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ, ҷорӣ намудани инноватсия фаъолияти дурусти идоракунии рушди устувори инноватсиониро ба даст оранд ва ин масъала муваффақиятҳои унвонҷӯро дар самти идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ инъикос менамояд (саҳ.56-104).

Аз рӯйи ҳисоби муаллиф фаҳмида мешавад, ки аз соли 2015 то соли 2022 шумори корхонаҳо 79,4% зиёдшавӣ ва ҳаҷми истеҳсолт маҳсулоти хӯроквори бошад 3 маротиба афзоиш ёфтааст, ки ин масъала зери таваҷҷӯи унвонҷӯ қарор гирифта, андешаҳои худро дар диссертатсия ҷой додааст (саҳ.58).

Унвонҷӯ қайд менамояд, ки имрӯз талабот нисбат ба молҳои хушсифати ватании озуқаворӣ зиёд гашта, корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бояд ба молҳои содиротию воридотии хушсифат, инчунин, ба вориднамоии технологияҳои муосири замонавӣ барои истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ диққати махсус зоҳир намоянд.

Дар натиҷаи таҳлил дар диссертатсия исбот карда шудааст, ки савдои гардиши молҳои хӯрокворӣ сол то сол афзоиш ёфта, дар онҳо ҷорӣ намудани усулҳои идоракунии инноватсионӣ ва инноватсия ба назар мерасад, зеро аз сохтори гашрдиши молҳои хӯрокворӣ маълум мегардад, ки сол то сол он зиёд шудаистодааст (саҳ.59).

Таҳлилҳои саҳеҳ, гувоҳи он мебошад, ки муаллифи диссертатсия саҳми арзанда дар натиҷаҳои илмӣ дорад. Аз тарафи таҳқиқотчӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳими истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, яъне истеҳсоли муҳимтарини саноати коркард (маҳсулоти гӯштӣ, равғанҳои чорвою растанӣ, маҳсулоти ширӣ, панирҳои равғанӣ, меваи хӯшк, маҳсулоти нонӣ ва қанодӣ) таҳилили васеъ карда шудааст. Дар натиҷаи таҳлил, дар диссертатсия муайян карда шуд, ки тавассути ҷорӣ намудани самараноки идоракунӣ ва инноватсия гардиши савдои солҳои озуқаворӣ ва ба нишондиҳанҳои Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 расидан гувоҳӣ медиҳад (саҳ.67).

Муаллифи диссертатсия пешниҳод мекунад, ки барои ноил гаштан ба идоракунии рушди устувори инноватисонии корхонаҳои саноатӣ чораҳои зеринро андешидан зарур аст: маблағгузорӣ ба соҳаи хӯрокворӣ зиёд карда шавад; ба содироти молҳои хӯрокворӣ диққати аввал дараҷа дода шавад; меъёрҳои самараноки техникӣ, технологӣ ва истеҳсолӣ муайян карда шавад; консепсияи механизми идоракунӣ таҳия карда шавад; омилҳои интенсивӣ барои динамикаи рушди иқтисодӣ муайян карда шаванд; заминаи ҳуқуқии инноватсионӣ барои равандҳои инноватсионии тамоми воридоти техника ва технологияҳои муосир ба роҳ монда шавад; ҳар як раванди инноватсионӣ ба системанокӣ дароварда шуда, нақшаи фаъолияти инноватсионӣ муайян карда шавад; медеризатсияи давлатҳои пешсафи ҷаҳон омӯхта шавад, ки ин идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроквориро мустаҳкам мегардонад (саҳ. 68-89).

Боби сеюми диссертатсия, ки **"Самтҳои асосии такмили идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ"** ном гирифтааст, муаллиф бештар ба масъалаҳои роҳу самтҳои такмили низоми идоракунии

фаъолияти инноватсионӣ, идоракунии рушди устувори саноати хӯрокворӣ ва таҳияи модели таъмини идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст (саҳ. 117-162).

Муаллиф қайд менамояд, ки танҳо давлат метавонад ба рушди идоракунии низоми инноватсионӣ ва такмилдиҳии он таъсири бевосита расонад. Давлат мушкилоти корхонаҳои саноатиро ба воситаи таҷрибаомӯзии ҷаҳонӣ ва қабули санаду меъёрҳои нави идоракунии инноватсионӣ метавонад такмил диҳад (саҳ.117). Ҳамзамон, гуфтан мумкин аст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ такмилдиҳии равандҳои фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати давлатӣ буда, ҷиҳати рушди он ҳар як субъекти фаъолияткунанда метавонад низоми идоракунии инноватсионии худро тағйир диҳад. Инчунин, унвонҷӯ самтҳои асосии такмилдиҳии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроквориро дар расми 3.7.-и диссертатсия қайд намуда, он комилан қобили қабул ва дастгирист. Ҳамчунин, муваффақияти унвонҷӯро дар ҳар як параграфи диссертатсия мушоҳида кардан мумкин аст.

Унвонҷӯ дар ҷадвали 3.21.-и диссертатсия сатҳ ва роҳҳои суръати идоракунии рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатиро инъикос намуда, татбиқи он қобили дастгирӣ мебошад. Муаллиф идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроквориро дар асоси платформаи рақамӣ пешниҳод намуда, қайд мекунад, ки дар шароити муосир гузариш ба платформаи рақамӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ робитаҳои мутақобилан судмандро таъмин менамояд.

Ҳамзамон, муаллиф дар радифи идоракунии рушди устувори инноватисонӣ ҳадафҳои умуми таъмини рушди устувори иқтисодиёти корхонаҳои саноатиро муайян намуда, дар расми 3.21. бармало нишон додааст.

Дар хулоса натиҷаҳои муваффақонаи унвонҷӯро, ки аз чанд фикру андешаҳои судманд иборат мебошад, ба таври комил дидан мумкин аст (саҳ.163-167)

## Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар амиқ намудани методология ва принсипҳои идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, ки дар адабиётҳои иқтисодии ватанӣ ва хориҷӣ оварда шудаанд асос ёфта, ҷанбаҳои дигари масъаларо унвонҷӯ мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ин дар муайянсозии ҷанбаҳои муҳими идоракунии рушди инноватсионӣ ва таҳияи

Барномаи рушди инноватсионӣ, Барномаи рушди саноати хӯрокворӣ инъикос меёбад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз заминаҳои бунёдии ташаккул ва рушди идоракунии инноватсионӣ бо дарназардошти идораи самараноки онҳо иборат буда, он аз сарчашмаҳои мушаххас таркиб ёфтааст ва ин масъала мувафақиятҳои амалии кори унвонҷӯро инъикос менамояд. Инчунин хулоса ва пешниҳодҳои бадастомада доираи таҳқиқоти мавҷударо дар соҳаи саноати хӯроковрӣ васеъ намуда, метавонанд ба пояи низоми идоракунии рушди инноватсионӣ бо мақсади таъмини рушди самараноки идоракунии инноватсия ворид карда шаванд.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқоти** анҷомдодашуда дар он ифода меёбад, ки татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар рушди устувори инноватсионии саноат нақши калидӣ бозида, барои баланд бардоштани сифат ва самаранокии маҳсулоти саноатӣ, аз ҷумла маҳсулоти хӯрокворӣ ва такмили идоракунии он аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Татбиқи дастовардҳои таҳқиқот барои пешрафти фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва таъмини рушди устувории онҳо мусоидат мекунад.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он асос меёбад, ки дар натиҷаи таъмини идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии мамлакат, аз ҷумла соҳаи саноати хӯрокворӣ дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ бештар гардида, дар шароити номусоиди иқтисодӣ нархи маҳсулоти озуқаворӣ ба танзим дароварда мешавад, инчунин сифати маҳсулот баланд мегардад, ки боиси расидан ба ҳадафи стратегии мамлакат, яъне таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръатӣ мамлакат мегардад ва дар маҷмӯъ ба рушди некуаҳволии аҳолии мамлакат оварда мерасонад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ**

Диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло ба тахассуси илмии интихобнамудааш мутобиқат карда, мавзуи диссертатсия, сохтор ва муҳтавои кори иҷрокардашуда ба талаботҳои бандҳои Шиносномаи ихтисоси илмии 08.00.06.02 “Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ” мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои дар диссертатсия гирифташуда ба тахассуси илмии унвоҷуи дараҷаи илмӣ мувофиқ мебошад. Унвонҷу ҳамчун корманди илмӣ бакамолрасида буда, метавонад дар сатҳи баланд корҳои илмӣ-таҳқиқотиро ташкил намуда, мустақилона қарор қабул намоянд ва роҳҳои расидан ба мақсад ва вазифаҳои гузошташударо муайян кунад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Қайд кардан зарур аст, ки баҳои воқеӣ ва қаблии таҳқиқоти диссертатсияи унвонҷӯро интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия ташкил медиҳад, ки натиҷаҳои асосии он дар 15 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла 6 мақола дар

маҷаллаву нашриёҳои мансуб ба номгӯйи маҷаллаву нашриёҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи интишори натиҷаҳои диссертатсия мувофиқат мекунанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА**

Тарзи барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Носирзода Ҳ.С. ба талаботи “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022 тахти №3 ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб дар доираи диссертатсия**

Дар диссертатсияи тақризшаванда якчанд ҳолатҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки ба чанде аз онҳо бояд диққат дод.

1. Дар параграфи 1.1. ҷадвали 1.1. муаллиф мактабҳои афкори иқтисодии инноватсионии миллиро таҳия намудааст, аммо дастовардҳои дигар олимони ватанӣ, ки вобаста ба паҳлуҳои гуногуни инноватсия ва татбиқи он дар истеҳсолот ва соҳаи саноати мамлакат таҳқиқот бурдаанд аз мадди назари муаллиф дур мондааст, ҳоло он ки дар қисмати таҳқиқи мавзуи илмӣ як чанд нафари онҳоро номбар кардааст (саҳ.5).

2. Аз натиҷаи таҳқиқот масъалаи ҳамгироии илм бо истеҳсолотро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида намудан душвор аст. Ҳоло он, ки яке аз омилҳои идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ин татбиқи натиҷаҳои корҳои илмӣ дар истеҳсолот мебошад. Агар муаллиф вобаста ба ин масъала бештар такия мекард ба манфиати кор буд;

3. Маълум аст, ки муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба иқтидори инноватсионии соҳаи саноати хӯроквории мамлакат таваҷҷуҳ кам зоҳир намудааст, ҳоло он ки иқтидори инноватсионии саноати хӯрокорӣ яке аз нишондиҳандаҳои арзёбии идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ маҳсуб меёбад, ки параграфи 2.3 –и таҳқиқот ба ин масъала бахшида шудааст;

4. Нишондиҳандаҳои васеи идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ омӯхта шудаанд, ки арзишмандии натиҷаҳои илмии диссертатсияро боло мебаранд. Аммо, омилҳое, ки ба сохтор ва сифати идоракунии рушди уствори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ таъсирнок боқӣ мемонанд, дар сатҳи лозима мавриди таҳлил қарор нагирифтаанд;

5. Баъзе таклифу пешниҳодҳои муаллиф (саҳ.131,149,161) асосноккунии иловагиро талаб менамояд.

Бояд гуфт, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва дараҷаи илмии онро коста намекунад.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия**

Таҳлилу баррасии амиқи муҳтаво ва мундариҷаи диссертатсияи Носирзода Ҳусейни Саъдулло дар мавзуи "Идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли саноати хӯрокворӣ)" нишон дод, ки он аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқаризи расмӣ:**
**н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷменти**
**Академияи идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Бобомуродов П.У.**

Имзои н.и.и., дотсент Бобомуродов П.У.-ро тасдиқ мекунам:

**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва**
**корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ғаюров Ф.**

(Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33 Телефон: +992 904126263; E-mail:pbobomurodov@mail.ru)